INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

## SHARQ AKADEMIK VA KO'P TARMOQLI TADQIQOTLAR JURNALI



Scientific Journal

2026/2

www.innoworld.net
+998 33 5668868

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

## Volume 4, Issue 2
## 2026

Journal has been listed in different indexings

The offical website of the journal:
www.innoworld.net

Uzbekistan-2026




# КОРБУРДИ АСТРОНИМҲО ДАР «ТӮҲФАТ-УЛ-АҲБОБ»-И ҲОФИЗИ ӮБАҲӢ

**Вахидова Гулноза Амоновна**
Унвонҷӯи ДДС ба номи Шароф Рашидов,
Институти забон ва маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ

**Аннотатсия**. Дар ин тезис астронимҳо – номҳои ҷирмҳои осмонӣ ва унсурҳои нуҷумӣ дар фарҳанги тафсирии асри XVI «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки астронимҳо дар фарҳанг на танҳо ҳамчун истилоҳоти илмии нуҷумӣ, балки ҳамчун воҳидҳои рамзӣ ва адабӣ истифода шуда, ҷаҳонбинии кайҳонӣ ва доираи маърифати илмӣ-адабии муаллифро инъикос менамоянд. Бо вуҷуди теъдоди маҳдуд, ин гурӯҳи воҳидҳои ономастикӣ дар ташаккули арзиши лингвокултурологӣ ва маърифатии асар нақши муҳим дорад.

**Калидвожаҳо:** астронимҳо, ономастика, «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», ҷирмҳои осмонӣ, тасаввуроти нуҷумӣ

**Abstract.** This thesis analyzes astronyms – namely, the names of celestial bodies and astronomical units, found in the 16th-century explanatory dictionary *Tuhfat ul-Ahbob* by Hofizi Ubahiy. The study demonstrates that astronyms in this work function not only as scientific and astronomical terms but also as symbolic and literary units reflecting the author's cosmological perceptions and his scientific-literary worldview. Despite their limited number, these onomastic units play a significant role in enhancing the linguocultural and educational value of the dictionary.

**Keywords:** astronyms, onomastics, *Tuhfat ul-Ahbob*, celestial bodies, astronomical concepts

**Муқаддима.** «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ аз ҷумлаи фарҳангҳои тафсирии асри XVI ба шумор рафта, на танҳо манбаи луғавӣ, балки ойинаи ҷаҳонбинии илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони худ мебошад. Муаллиф дар шарҳи вожаҳо ба маънои забонӣ иктифо накарда, дониши таърихӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва нуҷумиро низ ба низоми фарҳанг ворид месозад. Аз ин ҷиҳат, «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» ҳамчун манбаи мураккаби лингвкултурологӣ баррасӣ шуда, имкони таҳқиқи қабатҳои гуногуни маърифатиро фароҳам меорад.

Дар баробари антропонимҳо ва топонимҳо, дар фарҳанг теъдоди маҳдуди **астронимҳо** низ ба назар мерасанд. Истилоҳи *астроним* аз калимаҳои юнонии *astron* («ситора») ва *onoma* («ном») гирифта шуда, номи ҷирмҳои осмонӣ, сайёраҳо, офтоб, бурҷҳо ва роҳҳои осмониро ифода мекунад. Ҳузури астронимҳо дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» далели он аст, ки муаллиф доираи маърифати луғавиро танҳо ба воқеияти заминӣ маҳдуд накарда, унсурҳои ҷаҳонбинии кайҳонӣ ва донишҳои нуҷумиро низ фаро гирифтааст.

**Қисми асосӣ.** Бар пояи маводи фарҳанг, ба гурӯҳи астронимҳо воҳидҳои зерин мансубанд: ***Ахтар, Бахш, Баҳром, Бирҷис, Гов (номи бурҷ), Зовуш / Зовиш, Роҳи коҳкашон, Сипеҳр, Фалак, Урмузд, Шед, Ҳур***. Ин воҳидҳо бо вуҷуди шумораи маҳдуд, дорои арзиши баланди маърифатӣ, рамзӣ ва адабӣ мебошанд. Аз лиҳози хусусияти маъноӣ, астронимҳои сабтшударо чунин тасниф кардан мумкин аст:

**1. Номҳои ситораҳо ва сайёраҳо:**

**Ахтар** – ситора, толеъ
**Баҳром** – сайёраи Миррих
**Бирҷис** – сайёраи Муштарӣ
**Зовуш / Зовиш** – сайёраи Муштарӣ
**Урмузд** – сайёраи Муштарӣ

**2. Номҳои офтоб ва ҷирмҳои нуронӣ:**

**Шед** – офтоб
**Ҳур** – офтоб

**3. Номҳои бурҷҳо ва унсурҳои нуҷумӣ:**

**Бахш** – бурҷ *(ҳамчунин номи моҳӣ дорад, аммо дар маънои бурҷ астроним аст)*
**Гов** – бурҷи гов

**4. Номҳои роҳҳо ва фазои осмонӣ:**

**Роҳи коҳкашон** – маҷарра
**Сипеҳр** – осмон *(ҳамчун фазои кайҳонӣ)*
**Фалак** – осмон *(дар маънои нуҷумӣ)*

Ин номҳо дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» маҳз ҳамчун номи ҷирмҳои осмонӣ истифода шуда, аз лиҳози вазифаи номгузорӣ ба астронимҳо мансубанд. Онҳо пайванди донишҳои нуҷумӣ, анъанаи адабӣ ва тафаккури рамзии асри XVI-ро инъикос намуда, ҷаҳони маърифати фарҳангро аз сатҳи заминӣ ба фазои кайҳонӣ густариш медиҳанд. Аз ҷумла, шарҳи вожаи **Баҳром**, ки чун номи ситораи Миррих омадааст. Унсурӣ гӯяд:

*Саховати ту надорад дар ин ҷаҳон дарё,*
*Муҷоати ту надорад ба осмон Баҳром.*

Ин шарҳ нишон медиҳад, ки муаллиф астронимро на танҳо ҳамчун номи ҷирми осмонӣ, балки ҳамчун унсури ташбеҳӣ ва рамзии адабӣ истифода мекунад. Овардани байти шеърӣ маънои нуҷумиро бо тасаввуроти зебоишиносӣ ва фарҳангии замон пайваста, астронимро аз сатҳи иттилооти илмӣ ба сатҳи маърифати адабӣ мебарад. Ёки калимаи дигар:

**Шед** – номи офтоб бувад.

Ин тавзеҳи мухтасар намунаи равиши классикии луғатнигорӣ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» мебошад, ки дар он навъи объекти осмонӣ бо як ҷумлаи фишурда муайян мегардад, бидуни тафсири иловагӣ.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, астронимҳо дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», бо вуҷуди шумораи маҳдуд, ҷузъи муҳими низоми ономастикии фарҳангро ташкил медиҳанд. Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар шарҳи онҳо ҳам аз таърифҳои кӯтоҳи муайянкунанда ва ҳам аз тавзеҳҳои адабӣ бо истинод ба шеър истифода

мекунад, ки ин равиш аз пайванди зичи донишҳои нуҷумӣ бо анъанаи адабӣ шаҳодат медиҳад. Дар натиҷа, астронимҳо дар фарҳанг на танҳо ҳамчун номи ҷирмҳои осмонӣ, балки ҳамчун унсурҳои инъикоскунандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва адабии асри XVI зуҳур менамоянд.

Дар маҷмӯъ, лексикаи ономастикӣ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» ҳамчун низоми ягонаи номгузорӣ ташаккул ёфта, асарро аз як фарҳанги оддии луғавӣ ба манбаи муҳими лингвокултурологӣ, таърихӣ ва маърифатӣ табдил медиҳад. Маҳз тавассути номҳои хос, аз ҷумла антропонимҳо, топонимҳо ва астронимҳо – ҷаҳонбинии илмӣ-адабӣ ва тасаввуроти фарҳангии давраи Ҳофизи Ӯбаҳӣ ба таври возеҳ бозтоб меёбад.

**Адабиёт:**

1. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе: 2016. - 428 с.
2. Воҳидов А. Аз таърихи фарҳангнигории форсу тоҷик. – Самарқанд. Нашри ДДС. 2019.
3. Саймиддинов Д. Фарҳангномаи форсии миёна.- Душанбе: Дониш, 1994.- 88 с.
4. Жамиловна М. С. Абдураҳмон Жомий ғазалиётидаги диний-ирфоний //МЕЖДУНАРОДНЫЙ ЖУРНАЛ ИСКУССТВО СЛОВА. – 2025. – Т. 8. – №.2.
5. Majitova, S. Антропонимҳо–ифодагари хислатҳои инсон дар ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ. *Farg'ona davlat universiteti*, (6), 2024. Б. 84-84.
6. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Тӯҳфат-ул-аҳбоб. – Душанбе: Ирфон, 1992.-288 саҳ.
7. Шамсиддинов А. Таърихи луғатнигорӣ дар адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2005.